**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дар мавзӯи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Сабзаводкорӣ соҳаи баландтахассусёфта буда, самтҳои ҷудогонаи онро сабзавотпарварӣ дар майдони кушод ва пӯшида (гармхонаҳо), полезкорӣ, ҳамчунин тухмипарварии зироатҳои сабзавотию полезӣ ташкил мекунанд. Зироатҳои сабзавотӣ ва полезӣ, аз намуд, шакл, навъҳои зиёд ва узвҳои ғизоии гуногун иборат мебошанд. Барои ғизо дар шакли хом, бирён ё консервакардашуда истеъмол мешавад. Парвариши зироатҳои сабзавотӣ нисбатан заҳматталаб буда, дар ҷуякҳо, палҳо ва қаторҳо кишт карда мешаванд. Дар шароити гармхонаҳо кӯчат ва сабзавоти ғайримавсимӣ парвариш карда мешавад. Зироатҳои сабзавотӣ маҳсулоти ғизоии зарурие ба ҳисоб меравaнд, ки фаъолияти мӯътадили ҳаётии организими инсонро таъмин менамояд.

Ғизои комилан арзишноки аҳолии мамлакат буда бе мавҷудияти намуду навъҳои сабзавот дар вояи хӯрокӣ, ки ба муддати дароз дар майдони кушод ва бо фарорасии давраи хунукӣ дар гармхонаҳо парвариш намудан мумкин аст, тасаввур кардан душвор аст. Бахри рушди ояндаи ин соҳа, пеш аз ҳама ба даст овардани навъҳои серҳосилу ба касалиҳо тобовар ва тезпази зироати бодиринг аҳамияти калон дорад. Баҳри минбаъд баланд бардоштани ҳосилнокии зироати бодиринг омӯзиши корҳои илмию инноватсионӣ хело зарур дониста мешаванд. Бинобар ин унвонҷӯй Миралиев И.Р. кори илмии хешро ба омӯзиш ва парвариш навъҳои сермаҳсули бодиринг дар шароити минтақаи Данғара бахшидааст. Аҳамияти амалии натиҷаи ин таҳқиқот руйёнидани ҳосили баланди ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ инчунин дар як сол гирифтани ду ҳосил ба шумор меравад. Дар ин раванд унвонҷу чунин масъалаҳои муҳимро, аз қабили интихоби навъҳои серҳосили бодиринг, ки барои қонеъ намудани талаботи аҳоли зарур мебошад, омӯхта аст.

Бояд қайд намуд, ки унвонҷӯй Миралиев И.Р., аз уҳдаи иҷрои мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот баромадааст. Дар ин ҷода унвонҷӯй 9 мақолаи илмиро чоп намуда, ки бештари онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида ба натиҷаҳои чашмрас ноил гаштааст.

Диссертасияи Миралиев И.Р. дар ҳаҷми 150 саҳифаи матни чопи компютерӣ таҳия гардида, аз 3 боб, хулоса, тавсияҳо ба истеҳсолот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Натиҷаи тадқиқот дар 33 ҷадвал, 5 диаграмма, 6 расм ва 1 нақша ифода ёфтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 186 номгӯйро дар бар мегирад, ки аз он 8 тояш аз корҳои илмии олимони хориҷӣ ба шумор меравaнд.

Бинобар ин, кори иҷрогаштаи илмии Миралиев И.Р., дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон» кори бисёрсолаи ба итмом расида ба шумор рафта, ба талаботи КАО назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад ва муаллифи он барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои кишоварзӣ,
дотсенти кафедраи биологияи умумии
ДДБ ба номи Носири Хусрав: Рукниддинов Қутбиддин

Имзои "Рукниддинов Қутбиддин.– ро тасдиқ мекунам" Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои Махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" Шукурзод Ҷ.А.

Суроға: 735140 ш. Бохтар, куч Айни 67.
Факс (83222) 2-48-63 Тел: 83222 2-22-53
www.btsu.tj почтаи электронӣ bgu-1978@mail.ru